Att. 3

Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-014-и дар назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур (734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146)

**Тақриз**

**ба автореферати Сабриддини Сафовуддин дар мавзӯи «Мукаммалгардонии механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди барқ дар деҳот (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05. – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ)**

Иқтисодиёти Тоҷикистон ва бахши энегрегикии он, аз таъсири афзояндаи таҳдиди манфӣ ба бехатарӣ дар сатҳи иқтисодӣ ва бехатарии миллӣ шаҳодат медиҳад. Инҳо нерӯгоҳҳои барқӣ, дегхонаи намудҳои гуногун, шабакаҳои барқию гармидиҳӣ, ҳамчунин муассисаю ташкилот дар ҳайати соҳа, ки ҳар гуна корҳои хизматрасонӣ аз қабили лоиҳакашӣ, сохтмонию васлгарӣ, баистифодабарӣ ва корҳои таъмириро анҷом медиҳанд. Қувваи барқ шакли нотакрору пешрафтаи расонандаи нерӯст. Вай имкон дорад дар нуқтаи охир ба ҳар намуди нерӯ табдил ёбад.

Ба андешаи муаллиф, вазифаи асосии ҷамъиятии энергетикаи барқӣ, чун пойдевори зерсохтори соҳаи хоҷаги халқ, иборат аз пешниҳоди хизматрасониҳои комплексӣ, бо энергияи барқ ва гармӣ таъмин намудани истеъмолкунандагон аст. Ғайр аз вазифаи асосии комплексӣ, ҳамчунин вазифаи хоҷагии халқ (байнисоҳавӣ)-и энерегиткаи барқ низ муҳим маҳсуб меёбад.

Проблемаи бо барқтаъминкунӣ, аҳамияти он дар мавриди коҳиш додани бехатарии иқтисодӣ ва омӯзиши номукаммал, зарурияти илман асоснок дар шароити кунунии механизми амалисозии он, рисолаи таҳқиқотиро муҳим гардонидааст.

Диссертант махсус зикр мекунад, бо сабаби он ки обанбори Норак, аз ҳама бузург дар кишвар (10,5 километри мурассаъ) хусусияти мавсимии танзими обро дорад, дар давраи тирамоҳу зимистон норасоии қуввваи барқ ҳамоно 4 – 4,5 млрд. кВт/соатро ташкил медиҳад. Бо сабаби он ки дар давраи тирамоҳу зимистон оби дарёҳо хеле кам мегардад, имконияти истеҳсоли қувваи барқ дар нерӯгоҳҳо низ коҳиш меёбад. Аз ин хотир, усули маҳдудиятноки сарфи қувваи барқ ҷорӣ мегардад. Дар чунин вазъ талаботи соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии кишвар ба қуввваи барқ қонеъ нагашта, тавре дар боло ишора рафт, норасоии қувваи барқ то 4,5 кВт/соатро дар як сол ташкил медиҳад.

Муаллиф таклиф дорад, ки гузариш ба истифодаи технологияҳои сарфаи қувваи барқ, яке аз роҳҳои асосии сарфа ва паст кардани сарбории системаи қувваи барқӣ маҳсуб меёбад. Дар сурати амалисозии

чорабинии мазкур имкон пайдо мегардад, захираҳои гидроэнергетикӣ самаранок истифода шуда, муддати панҷ сол 2,650 млрд. кВт/соат сарфа шавад. Вилояти Хатлонро рушди энергетикаи хурд хеле умедвор месозад. Имконот ҳангоми бунёди нерӯгоҳҳои хурди барқи обӣ дар дарёҳои хурду миёнаи вилоят, умуман ҷумҳурӣ беш аз 30 млн. кВт/соат, бо истеҳсоли солона тахмин 100 млрд. кВт/соатро дар бар мегирад. Ин яке аз самтҳои ояндадори рушди энергетика дар маҳалҳост, ки дастгирии ҳамаҷонибаи сиёсати нафъовари давлатро тақозо дорад

Хулосаи муаллиф аз салоҳиятнокии ӯ дар мавриди ҳалли проблемаи таҳқиқшаванда дарак медиҳад. Дар баробари муваффақиятҳои бадастомада, баъзе камбудиҳои ҷузъӣ дар автореферат дида мешавад:

1. Дар автореферат таҷрибаи хориҷӣ ва таҳлилҳои муқоисавӣ кам ба назар мерасад. Хуб мешуд, таҷрибаи хориҷӣ ва таҳлилҳои муқоисавӣ бештар пешниҳод мегардид.

2. Ислоҳи хатоҳои имлоӣ дар автореферат ба баланд шудани сифати он мусоидат карда метавонад.

Камбудиҳои зикршуда эътибори автореферати пешниҳодшударо паст накарда, мазмуну мундариҷаи онро тағйир намедиҳанд.

Хулоса, автореферати диссертатсионии Сабриддини Сафовуддин дар мавзӯи «Мукаммалгардонии механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди барқ дар деҳот (дар мисоли вилояти Хатлон) » ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисод аз рӯи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ) мебошад.

Тақриздиҳанда,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
муовини ректор оид ба илм ва
инноватсияи Донишкадаи сайёҳӣ,
соҳибкорӣ ва хизмат Хоркашов И.С.

Имзои И.С. Хоркашовро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат ________ Ҷураев Ш.Н.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС